# Дарси 11: Машккунонии амалхо хангоми рўй додани заминчунби, накшахо, захирахо

Заминчунбихои чанде пеш рўйдода, масалан дар соли 2008 дар музофоти Сичуан бо магнитудаи 7,9 ва дар соли 2005 дар Кашмир бо магнитудаи 7,6 нишон медиханд, ки дар бештари нохияхо мактабхои зилзилабардор вучуд надоранд. Бештари мактабхое, ки вайрон мешаванд ва зери худ кўдаконро мегўронанд, - ин мактабхои муосире мебошанд, ки баъзан наздики иморатхои нисбатан кўхна , ки аз заминчунби осеб намебинанд, вокеъ хастанд. Вайроншавии мактабхоро хангоми заминчунби ба сохтмон ва истифодаи бад боис додан мумкин аст (дар дарси 9 мухокима мешавад). Аммо бештари чарохат ва марги одамон бо сабаби афтидани кисматхои гайритаркиби ба миён меоянд (дар дарси №10 мухокима мешавад). Дар дарсхои 9 ва 10 хонандагон фахмиданд, ки чи тавр хавфхои таркиби ва гайритаркибиро дар мактабхо ва хонахои худ муайян  ва зарари дар натичаи заминчунби ба вучуд омадаро паст кардан мумкин аст.

Дар ин дарс хонандагон дар бораи зарурати банакшагирии ояндадори чавоби ба заминчунби дар мактаб маълумот пайдо мекунанд ва тарзи тахияи накшаи амалиёт оид ба бархам додани вазъияти фавкулодда дар мактаби худро ёд мегиранд. Ба гайр аз ин, хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки накшаи амалиёти худро дар холатхои фавкулодда санчанд, бахогузори, бехтар ва ба макомоти дахдори ваколатдор пешниход намоянд. Банакшагири, санчиш, омодаги ва санчиш – ин чузъхои асосии накшаи самараноки амалиёт хангоми вазъияти фавкулодда мебошанд, ки дар зуд баргардонидани махали ахолинишини зарардида ба вазъияти мўътадил кўмак мерасонад. Максади нихоии ин дарс – кайд намудани мухим будани банакшагирии ояндадори амалиёт хангоми заминчунби ва тачрибаи дахлдор мебошад.

Эзох! Дар ин дарс коидахои гузаронидан ва омода намудани накшаи амалиёт дар вазъияти фавкулодда, хамчунин тартиби гузаронидани машгулиятхои таълими-машки дар мактаб пешниход шудаанд. Лекин омилхои хамрохикунанда, аз кабили чойгиршавии мактаб ва устувории конструксионии он дар муайян намудани накшаи нисбатан самараноки амалиёт барои мактаб дар сурати вазъияти фавкулодда накши мухим мебозанд.  Аз ин рў, ин дарс ба хеч вачх дастури пурра ва муносиб барои омодагии накшаи амалиёт дар вазъияти фавкулодда барои  хар мактаб ба хисоб намеравад.  Аз рўи имкон кўшиш кунед, ки накшаи амалиёт дар вазъияти фавкулодда , ки дар ин дарс тахия мешавад, аз чониби рохбарияти мактаб, мутахассисони сохаи вазъияти фавкулодда, кормандони илми, мутахассисони банакшагирии маъмури ва намояндагони дигари чомеаи махалли (масалан, сардори гурўхи сўхторхомўшкуни, кормандони системаи тандурусти) дида шаванд.

Эзох! Эхтимол, бехтар мебуд, агар ин дарс пеш ё баъди машгулиятхо, вакте ки хонандагони синфхои дигар каманд, гузаронида шавад. Чунки хонандагони синфхои дигар мумкин аст ин дарсро вайрон кунанд ё барои гузаронидани он халал расонанд. Дар баъзе мавридхо ин дарсро дар вакти дарсхо, вакте ки хонандагон дар дар корридорхо нестанд, гузаронидан мумкин аст. Лекин чунин дарс бояд оромона гузаронида шавад.

Барои гузаронидани ин дарс ду машгулияти дусоатаро пешбини намудан зарур аст.

## Маводхо

**Харитахои сатхии мактаб (такрибан як харита ба 3-6 хонанда)** Схематические карты школы (примерно по одной карте на 3-6 учащихся).

Когазхои ранга .

Эзохот аз рўи дарсхои 7-10 (аз чумла, рўйхати хатархои гайритаркиби, ки аз чониби хонандагон тартиб дода шудаанд).

Видеокамера (он кадар зарур нест).

## Мукаддима

1. Пеш аз хама аз хонандагон хохиш намоед, ки дар бораи усулхои бехтарини эътино кардан ба вазъияти хатарнок (масалан, сўхтори ногахони, ходисаи хатарноки метеорологи, захролудшави ва гайра) фикр кунанд. Ба хонандагон фахмонед, ки ошкор ва дарёфткунии нишонахои аввалини рушди хатар дар якчояги бо накшаи чорабинихои чандин маротиба омода ва коркардшуда усули бехтарини таъмини чавоби бехавф, зуд ва кобили кабул мебошад. Аз хонандагон хохиш намоед, ки оиди нишонахои аввалини заминчунби мисолхо биоранд. Ба нишонахои барвакти инхо дохил шуда метавонанд: ларзиши сабуки пердметхои хассос, масалан, чарогхои овезон ё ашёи шишагин, садохо (гулдуррос) ё харакати гиреххои пайвасткунанда дар иморатхои ихотакунанда, хамчунин дар баъзе холатхо рафтори бесарусомонаи хайвонот бо узви шунавоии хассос, масалан саг ё аспхо. Ба хонандагон фахмонед, ки дарёфткунии барвактии нишонахои заминчунби ва чавоби фаври – нихоят мухиманд, чунки шиддатнокии нихоии заминчунбиро то ё дар давоми мархилахои ибтидоии он муайян кардан мумкин нест.

2. Ба хонандагон фахмонед, ки дар дарс онхо накшаи амалиётро дар сурати рўй додани холатхои фавкулодда ва машгулияти таълими –машки хангоми рўй додани заминчунби барои мактаби худ тахия мекунад ва месанчад. Аз хонандагон хохиш намоед, ки фарки байни накшаи амалиёт хангоми сар задани холатхои фавкулодда ва машкхои таълими-машкиро фахмонанд. Фахмонед, ки накшаи амалиёт дар холатхои фавкулодда накшаи умумиест, ки шумораи аксарияти маълумотро дар бораи амалиётхо хангоми сар задани холатхои фавккулодда ба назар мегирад, аз чумла маршрутхои бехавфи харакат, хатархои таркиби ва гайритаркиби, захирахои муфид, чойи чамъшави ва кормандони асосии кўмаки фаври барои объекти муайян, аз чумла мактаб. Максади ин накша – тавсифи харчи кадар усулхои зиёди амалии чавоби ба як катор вазъиятхо, хамчунин баромад кардан ба хайси маълумотнома барои гузаронидани машгулиятхои таълими-машки хангоми заминчунби. Машгулиятхои таълими-машки хангоми заминчунби –ин мачмўи шароитхои фавкулоддаи ташаккулёфта бо максади санчидани имконияти аъзои мактаб бахри кабули карорхои нисбатан мувофик барои таъмини амнияти худ мебошад. Аъзои мактаб бояд фахмиши

кофии накшаи амалиёт хангоми рўй додани холатхои фавкулоддаро барои таъмини чавоби мувофик хангоми гузаронидани машгулиятхои таълимиву машки дошта бошанд.

Ба хонандагон фахмонед, ки хангоми банакшагирии муфассал зохир намудани амали чавобии аз хад зиёд ба заминчунбии на он кадар сахт бехавфтар мешавад, нисбат ба амали чавобии нокофи ба заминчунбии сахт. Чунки заминчунбии на он кадар сахт имкон фарохам меорад, ки суръати чавоб, чойи чамъшави, самаранокии харакат, имконияти аз ўхдаи хатари дуюмдарача баромадан  (сўхтор, кубурхои кафида, хатархои гайритаркиби ва гайра) санчида шаванд. Максади машгулияти таълими-машки – тачрибаи доими, бахогузои ва такмилдихи мебошад.

Эзох! Якчанд коидахои стандартии омодагии накшаи муфассали амалиёт дар сурати заминчунби вучуд доранд, чунки шароит ва хатар вобаста аз минтака, шахр, иморат ё чойгиршави тагйир меёбанд, аммо коидаи аввалиндарча чунин аст: БАРВАКТ АМАЛ КАРДАН, ТЕЗ АМАЛ КАРДАН, ВОХИМА НАКАРДАН.

## Тренинг : хамохангсозон оид ба чавоби амали додан ба садама

Пеш аз чунин тренинг  эътимод пайдо намоед, ки хонандагон харитаи сатхии мактаб бе ишоратхои шарти  доранд.  Хар як гурўхи хонандагон бояд хадди акал як харита  дошта бошад, ки дар тартиб додани накшаи амалиёт хангоми холатхои фавкулодда кўмак мерасонад. Дар харита бояд накшаи асоии мактаб пешниход шуда бошад, аз чумла рохравхо, иморат, дар, тиреза ва роххои тахлия, зинапояхои садамави (агар бошанд). Хонандагон бояд харитаи мазкурро барои тартиб додани накшаи амалиёт хангоми холатхои фавкулодда истифода баранд.

Хонандагон навакак донишгоххоро хатм намудаанд ва дар ватани худ ба сифати хамохангсозони танзими садама (хамохангсозон) бо ихтисос дар сохаи чавоби амали додан ба садама дар мактабхо кор ёфтаанд. Хамчун кисми кори худ хамохангсозон имкон доранд, ки аз як мактаб ба мактаби дигар сар то сари кишвар раванд ва машгулиятхои самараноки таълими-машки, ки хавфхои махсусе, ки ба онхо хонандагон дар мактаб хангоми заминчунби гирифтор мешаванд, тахия намоянд.

Эзох! Эхтимол, бехтар мебуд, агар ин дарс пеш ё баъди машгулиятхо , вакте ки хонандагони синфхои дигар каманд, гузаронида шавад. Чунки хонандагони синфхои дигар мумкин аст ин дарсро вайрон кунанд ё барои гузаронидани он халал расонад. Дар баъзе мавридхо ин дарсро хангоми дарсхо, вакте ки хонандагон дар корридорхо нестанд, гузаронидан мумкин аст. Лекин чунин дарс бояд оромона гузаронида шавад.

**Саволи 1. Кадом фанхо дар донишгох барои ичрои ин намуди кор муфид хоханд буд? Барои чи барои давлат хубтар аст кори хамохангсозон оид ба чавоби амали додан ба садамаро пардохт намоянд ба чойи андешидани чорахо нисбати заминчунби баъди рўй додани он?**

***Чавобхои эхтимоли:*** *дар кори хамохангсозон оид ба додани чавоби амали ба садама фанхои бисёри гуногун муфид мебошанд. Ба хамохангсозон мутахассисони техники, ки дар гелогия ва геофизика тачрибаи кори доранд, мухандисон-*

*конструкторон ё меъморон заруранд, то ки маълумотхои охиринро оид ба равандхои хатарнок марбут ба ошкорнамоии хатархои замнчунби ва нишондихандахои микдори маънидод кардан мумкин бошад. Кормандони касбхои муайян, аз кабили дуредгарон ё аскари кисми тибби, мефахманд, ки чи тавр накшахои амалиёт хангоми заминчунби ва чорахо оид ба паст кардани таъсири манфи ба банакшагирии сарчашмахои садамавии кувваи барк ва иморатхои зилзилабардор таъсир мерасонанд. Ба хамохангсозон хамчунин забоншиносон низ лозим мешаванд. Онхо метавонанд маводхоро ба забонхои дигар тарчума намоянд, агар дар минтакхои аз чихати зилзила фаъол гурӯххои гуногуни этники зиндагони кунанд. Дар кори кариб хамаи кумитахои давлати барои таъмини дурусти истифодаи маблагхо мухосибон ва мутахассисон оид ба банакшагири ширкат меварзанд. Билохира мутахассисон оид ба таълими барномахои амал хангоми фаъолияти сейсмики мумкин аст даркор шаванд, то ки дар бораи сабаб, таъсир ва чорахои паст кардани таъсири манфии заминчунби ба хамаи гурӯхи чомеа , аз чумла кӯдакон, падару модарон ва нафакахӯрони коргар, накл кунанд. Онхо эхтимол дар бораи чорахои банакшагири амалиёт хангоми заминчунби бо тарики дигар маълумот пайдо карда натавонанд.*

*Давлат, эхтимол зарур шуморад, ки кори хамохангсозон оид ба додани чавоби амали ба садамаро пардохт намояд, чунки чорахои пешгири – ин бехтарин усули начот додани хаёти одамон ва пешгирии зарари арзишноки модди пеш аз рӯй додани заминчунби мебошад.*

Хамохангсозон одатан хамчун гурӯххои хурди мустакил кор мекунанд, ки ин гурӯххо баъдан барои мухокима намудани хулоса ва муносибатхои худ ба таъсиси машгулиятхои таълими-машки чамъ мешаванд. Ба хар як гурӯх вазифаи якхела супорида мешавад: тахияи накшаи амалиёт хангоми заминчунби, ки дар он амалхои нисбатан бехавфи амал барои хонандагон хангоми заминчунби ифода мешаванд ва баъдан, хадди акал як машгулияти таълими-машки гузаронидан бо максади санчидани накшаи амалиёт дар амал.

**Саволи 2. Гурӯххое, ки мустакил хамон як корро ичро мекунанд ва баъдан натича ва накшахои фарккунандаи худро мукоиса мекунанд, чи бартарият доранд? Камбудихо кадомхоянд?**

***Чавобхои таъмини:*** *хангоми кори гурӯххои хурд барои ба даст овардани хамон як максад, хар як гурӯх усули ба худ хосро вобаста аз тачрибаи доштааш истифода мебарад; дар сурати чунин тарзи кор гурӯх мумкин аст ба хулосаи дигар ояд ё ба самти дигар дар мукоиса ба дигар гурӯххо диккати махсус дихад. Вакте ки гурӯххо хулосахои худро дар охири кор мукоиса мекунанд, маълумоти аз нуктаи назари гуногун ба даст овардашуда машгулияти нихоии таълими-машкиро нисбатан бисёррӯя, самаранок, ивазшаванда ва пурра мекунад.*

*Ба камбудихо хаминро дохил кардан мумкин аст, ки дар гурӯххои хурд барои аз ӯхдаи кор баромадан одамон намерасанд ё дар гурӯхх иштирокчиёни дорои малакахои гуногун кофи нестанд.*

Хамохангсозонро (хонандагонро) ба 3-4 гурӯх таксим кардан зарур аст. Хар як гурӯх мустакилона бо истифода аз дарсхои 7-10 барои тахияи накшаи амалиёт хангоми заминчунби барои мактаби худ кор мекунад. Вазифаи аввалиндарача ин ба даст овардани маълумот дар бораи он, ки мактаб ё махалли ахолинишин накшаи амалиёт хангоми заминчунби дорад ё не. Хамин вазифаро ба яке аз гурӯххо супоред ва натичахои онро ба дигар гурӯхххо, пеш аз оне ки онхо корро оид ба тартиб додани накшаи амалиёт сар мекунанд, мухтасар пешкаш намоед.

Гурӯххои дигар, дар баробари худ, бояд мустакилона барои тартиб додани накшаи амалиёт хангоми заминчунби кор кунанд. Машгулияти таълими-машкии мазкур бояд махсус барои мактаб бо дарназардошти мавкеи чугрофи ва геологи, хатархои таркиби ва гайритаркиби, мухити атроф (иморатхои ба хам наздик чойгиршуда, дарахтон, хатхои кувваи барк ва гайра ) ва захирахои барои истифода дар минтакаи мазкур дастрас тахия дода шавад. Барои ичрои ин вазифа ба гурӯххо бояд ичозат дода шавад, ки синфхона ва мактабро бо максади муайян намудани хамаи хатархои мавчуда (дар доираи синфхона ва аз рӯи маршрути пешниходнамудаи тахлия) омӯзанд, агар он дар машгулиятхои пештара гузаронида шуда набошад. Баъдан гурӯх бояд хамаи амалиётхои имконпазирро хангоми рӯй додани заминчунби муайян кунад ва онхоро коркард намояд, хамчунин онхоро дар харитаи мактаб бо нишон додани хамаи омилхои хатарнок, ки хангоми харакат метавонанд вучуд дошта бошанд, кайд намояд. Масалан: кубурхо ва асбобхои баркии пайвастнашуда, мебел, хамчунин чойхои бархурд бо маршрути хонандагон аз синфхои дигар, ки дар он чойхо мумкин аст тела-тела сар шавад. Аз гурӯххо хохиш намоед, ки харчи кадар вазъиятхои хатарноки эхтимолиро кобанд ва халли осони онхоро барои то хадди акал паст кардани хатар ёбанд. Хамаи сарчашмахои хатар, маршрути тахлия ва маводхои муфид бояд шартан ранг карда шаванд ва дар харита бо каламхои ранга кайд карда мешаванд.

Якчанд амалиётхои умуми мавчуданд, ки бояд аз чониби хамаи сокинон дар хар нохия ё махалли ахолинишин риоя карда шаванд: онхо дар хар накшаи амалиёт хангоми заминчунби накши принсипхои асосии рохбарикунандаро мебозанд

1) Вохима накунед.
2) Аз назди тиреза, предметхои вазнин, раф ва гайра дур истед.
3) Хар гуна мачмӯи асбобхои садамавиии дар наздатон вокеъбударо гиред ва гум накунед.
4) Аз лифт истифода набаред.
5) Иморатро як нафари катор-катор, агар имконпазир бошад, тарк намоед.

Эзох! Дар мактаб ё синфи шумо танхо як накшаи амалиёти имконпазир ё амали хангоми заминчунби вобаста аз чойгиршавии мактаб ва сарчашмаи хатар дар рох хангоми тахлия буда метавонад. Ба сифати алтернатива, амалиёти нисбатан хакики барои баъзе хонандагон дар чойхои муайян ин паногох бевосита дар чой мебошад. Чанбаи нисбатан мухими гузаронидан ва бахогузории самаранокии накшаи амалиёт хангоми заминчунби ин бахисобгирии хамаи вазъиятхои имконпазир бо фахмондадихии минбаъда ба хонандагон барои интихоби усули амал, ки эхтимол, хаёти онхоро нигох медорад, мебошад.

**Саволи 3. Барои чи барои гурӯх гузаштани маршрутхои бисёри тахлия ва муайян намудани сарчашмаи хатар дар хар маршрут мухим аст? Барои чи танхо як маршрути тахлияро муайян кардан ва онро пурра коркард намудан мумкин нест? Ин муносибат кадом бартарият ва камбудихо дорад? Накшаи амалиёт хангоми заминчунби, ки дар он тахлия пешбини мешавад, вучуд дорад? Барои чи «ха» ва барои чи «не»?**

***Чавобхои тахмини:*** *хар як гурӯх бояд хамаи маршрутхои тахлияро гузарад, чунки аксар вакт хонандагон бо маршрутхои хамарӯза чунон ошно хастанд, ки онхо сарчашмахои хакикии хатарро, ки хангоми заминчунби зохир мешаванд, мушохида намекунанд. Масалан, дар аксари мактабхо кубури буги ё оби гарм зери шифт мегузарад ва хонандагон онхоро кариб ки мушохида намекунанд. Хангоми заминчунби кубури бугии вайрон маршрути тахлияро барои истифода бекор мекунад. Давр задани маршрутхо ва чустучӯи махз хамин сарчашмахои хатар дар хакикат маърифати буда метавонад. Хамчунин мршрутхоро бо максади муайян намудани вакт барои расидан ба чойи бехавф ва пешаки муайяншудаи чамъшави мукоиса намудан зарур аст.*

*Гурӯххо бояд маршрутхои бисёреро хангоми ба вучуд омадани хатар ё вазъияти ногахони, ки маршрутро барои истифода ношоям меградонад, тахия намоянд. Лекин хатто дар чунин вазъият ба хонандагон дар бораи бехтарин маршрут гап задан тавсия дода намешавад: онхо бояд худашон маршрутро муайян кунанд, дар акси хол мохияти банакшагири гум мешавад. Хонандагон бояд фахманд, ки барои чи маршрут афзалиятнок ба хисоб меравад ва алтернативахо чи гуна буда метавонанд , агар маршрут барои истифода корношоям гардад. Чалби хонандагон ба мустакилона муайян намудани маршрути оптимали ба хонандагон имкон медихад, ки ба раванди кабули карор ворид шаванд ва хангоми бахогузории вазъияти фавкулодда новобаста аз он, ки онхо такмил додашуда ё хакики мешаванд, бояд аз акли солим истифода баранд.*

*Баъзе аз афзалиятхои чунин муносибат аз он иборатанд, ки вазъиятхои зиёди имконпазир мухокима ва бахогузори мешаванд: хонандагон имкон пайдо мекунанд карорхое кабул намоянд, ки хаёти онхоро метавонанд начот диханд; бо харочоти на он кадар калон ё бепул хассосияти систематикии зилзилабардории обеъктхо ошкор, паст ё нест карда шуда метавонанд. аммо чунин муносибат камбудихои худро низ дорад. Агар машгулиятхои таълимиву методи мунтазам гузаронида нашаванд, барои омӯзонидани хонандагон барои кабули карор, тахия, бахогузори ва интихоб аз маршрутхои зиёди имконпазир вакти зиёд лозим мешавад ва печдарпечихои зиёд ба миён омада метавонанд. Аммо бо назардошти он, ки шароит дар шахр ва иморатхои гуногун тагйир меёбанд ин ягона усули рахои ёфтан аз муносибати хом оид ба омода намудани накшаи амалиёт хангоми заминчунби, ки мутобики он як вариант барои хамаи вазъиятхо муносиб аст, мебошад.*

*Баъзе накшахои амалиёт хангоми заминчунби, масалан накшае, ки паногоххоро бевосита дар чой пешбини менамояд, тахлияро пешбини намекунанд. Чунин накшаи чавоб  хангоми заминчунбии сахт ва харобиоваре, ки хангоми он рох гаштан ва ё давидан имконнопазир аст, хамчунин дар холатхое, ки иморатхо мустахкаманд ва ба заминчунби тобоваранд, зарур буда метавонанд. аммо дар*

*маршрути тахлия хавфхои зиёди гайртаркиби буда метавонанд. Чунин муносибат дар аксарияти мактабхои Калифорния истифода мешавад. Коидаи умуми ин «ба замин дароз кашидан, худро пӯшондан ва начунбидан» аст. Ин пешбини менамояд, ки хонандагон дар таги парта ё миз пинхон мешаванд, ва дар навбати худ бо як даст пояи парта ё мизро нигох медоранд ва бо дасти дигар гардани худро панох мекунанд, ки худро аз шикастапорахо хифз намоянд. Дар холати фавкулодда хангоми зарурат хонандагон бояд омода бошанд ки бом ё парта харакат мекунанд. Агар чунин муносибат барои синф кобили кабул бошад, он бояд дар тренинге, ки дар поён тавсиф мешавад, якчанд маротиба машк кунонида шавад.*

*Хангоми коркарди вариантхои панох шудан бевосита дар чой гурӯххо бояд бо назари танкид хамаи ашёеро, ки бо он панох шудан мумкин аст, аз нуктаи назари пешниходи хакикии имконияти панох шудан аз хатари таркиби, гайритаркиби ва иловаги бахогузори намоянд. Агар захирахо кофи набошанд, эхтимол, мухим аст захирахои даркориро пеш аз рӯй додани заминчунби пешниход намуд. Масалан, якчанд мизхои на он кадари калони сабукро ба мизхои мустахкам ва калонхачм, ки дар мактаб истифода мешаванд (бе харочоти иловаги) ва хонандагон дар зери он панох шуда метавонанд, иваз кардан мумкин аст.*

Баъди он ки хамохангсозон оид ба чавоби амали додан ба садама хамаи маршрутхои имконпазири тахлияро аз назар мегузаронанд ва мактабро меомӯзанд, аз хамохангсозон хохиш намоед, ки имкони зери садд мондани хонандаро (аз кисматхои таркиби ва гайритаркиби), гурӯхи хонандгон ё одамони калонро (агар чунин вариант то хол тахлил нашуда бошад) барраси намоянд.

**Саволи 4. Кадом амалхоро хамохангсозон дар сурати зери садд мондани одамон хангоми заминчунби пешниход мекунанд?**

***Чавобхои тахмини:*** *мачмӯи на он кадар калони бехатари барои одамоне, ки хангоми заминчунби зери садд мондаанд, кӯмак мерасонад. Ба мачмӯи ашё хуштак, пакет бо оби тамъизшуда, чӯбчахои равшанидиханда ва респиратор дохил шуда метавонанд.Хуштак аз овоз дида баландтар садо медихад бе таранг намудани садопардахо. Одаме, ки зери садд мондааст ва дар фазои махдуд карор дорад, хангоми истифодаи хуштак хавои кам харч мкунад. Мачмӯи ашё бояд хурд бошад, то ки хонандагон онро дар сумкахои мактаби гардонида тавонанд ё зери парта ва мизхои калон тарзе мустахкам намоянд, ки онхоро бо осони ва тез гирифтан мумкин бошад.*

*Яке аз масъалахои мухими мухокимашааванда ин оё хонандагон ба шахси зарардида ё дар зери садд монда хангоми заминчунби ё баъди он бояд ёри расонанд ё не? Ба ин савол чавоб додан мушкил аст, чунки холатхои зиёди гуногун ва дарачахои гуногуни хатархо, ки бо он зарардида рӯ ба рӯ шуда метавонад, буда метавонад. Пеш аз хама барои кӯмак даъват кардан ё як одамро барои кӯмак равон кардан даркор аст, дар холе ки одами дуюм ба одами зарардида дастгирии маънави медихад. Агар зарардида дар зери хатар чойгир бошад ва дар наздики кормандони хадамоти фаври набошанд, пас танхо дар чунин холат карор дар бораи аз як чой ба чойи дигар кӯчонидани зарардида ва кӯшиши расонидани кӯмакро кардан зарур аст. Хамохангсозон зарур шуморида метавонанд, ки ба хонандагон иловатан усули расонидани кӯмаки тиббии фавриро бо чалби*

*кормандони ихтисоснок пешниход намоянд, агар дар наздики хангоми рўй додани заминчунби кормандони хадамоти садамави-начотдихи набошанд.*

Дар охир гурўххо бояд хамаи натичахоро мухокима намоянд ва натичахои гузаронидани бахогузории амалхоро хангоми заминчуни тарзе муттахид созанд, ки ба тахия ва омодасозии накшаи амалиёт хангоми заминчунби сар кардан мумкин бошад.

Гурўххо бо навбат хар як амали имконпазирро хангоми заминчунби тасаввур мекунанд, ва маршрутхоро дар накшаи асосии амалиёт хангоми заминчунби бо нишон додани хавф, баромад ва захирахои фоиданок, ки дар ин маршрут буда метавонанд, кайд мекунанд. Хамаи накшаи амалиёт бояд бо нишон додани нуктаи чамъшави берун аз мактаб, ки дар он чой хонандагон бояд чамъ шаванд, анчом ёбанд. Агар барои хамохангсозии амалхои оперативи маводхои муайян зарур бошанд (масалан, хуштак барои начот додан хангоми холатхои садамави ё асбобхои тибби барои тоза кардани чарохати на он кадар калон хангоми заминчунби) аз гурўххо хохиш намоед, ки рўйхати чунин маводхоро , ки кисми накшаи амалиёт хангоми заминчунби мегарданд, тартиб диханд. Агар мактаб аллакай накшаи амалиёт хангоми заминчунбиро дошта бошад, аз хонандагон хохиш намоед, ки бахои худро бо накшаи мактаб мукоиса намоянд.

Баъди он ки хамохангсозон варинати охирини накшаи амалиёт хангоми рўй додани заминчунбиро омода месозанд, онро ба маъмурияти мактаб пешниход намудан зарур аст. Маъмурияти мактаб он чойхоеро дар мактаб муайян мекунад, ки дар он чойхо мачмўи асбобхои начотдиханда чойгир мешаванд. Маъмурияти мактаб аз хамохангсозон хохиш менамояд, ки ин мачмўи асбобхоро пурра кунад.

**Саволи 5: Кадом ашёро ба мачмўи асбобхои начотдихии оилави ё умуми гузоштан лозим аст? Мачмўи асбобхои начотдихиро дар кучо нигох доштан зарур аст?**

***Чавобхои тахмини:*** *талаботи зарурии инсон ин хўрок, об ва паногох аст. Хама гуна мачмўи лавозимот бояд (акалан) об, дору барои тоза кардани об, хўроки консерв кардашуда ё беоб кардашуда (ё хўроке дигаре, ки барои нигох доштан яхдон лозитм нест) ва якчанд болопўши начотдихи дар бар гирад.*

*Талаботи дигари зарури маълумот, талабот барои равшани кардан ва таъмини тиббиро дар бар мегирад. Хангоми зарурат мачмўи лавозимот хамчунин бояд радио, фонусча, мачмўи батареяхои иловаги, пул, лавозимот барои додани ёрии аввалия, хамчунин расми оила ё синф, ки барои гирифтани маълумоти мухим ё додани маълумот дар бораи аъзои оилаи гумшуда ё сокинони нохия зарур мебошанд, дар бар гирад. Хонандагон ё сокинони нохия, ки ба хизматрасонии махсуси тибби эхтиёч доранд (масалан, эхтиёчот ба дорухои барои хаёт зарур) бояд худ эътимод дошта бошанд, ки мачмўи лавозимот дорухои зарурибро дар бар мегирад. Барои аник кардани мўхлати амал ва шумораи захира мачмўи лавозимотро бояд мунтазам тафтиш кард.*

*Мачмўи лавозимот бояд дар чойхои дастрас бошанд, дар масофаи бехавф аз сарчашмаи таркиби ва гайритаркибии хатар чойгир бошанд. Эхтимолияти зери*

*харобихо ва ахлот мондан хангоми заминчунбии сахт бояд то хадди акал расонида шавад.*

Шарх! Хонандагонро хотиррасон намоед, ки аксарияти ташкилотхо оид ба пешгирии холатхои фавкулодда тавсия медиханд, ки хангоми тахияи накша пешниходи пурраи таъминот (яъне хӯрока, об, либос ва доруворихо) хадди акал дар муддати 72 соат баъди офат пешбини шуда бошанд. Бо хонандагон мухокимаронихо оиди кофи будан ё набудани чунин вакт бо назардошти дастрасии воситахои наклиёт, иклими махал ё мавчудияти захирахои табии махал, аз кабили оби соф ташкил намоед.

Ба хонандагон фахмонед, ки эхтимол, ба мактаб бо хохиши пешниходи чунин захирахо барои хамаи хонандагон мурочиат намудан кобили кабул мебуд. Ба накша гиред, ки дар охир хонандагон натичахои бахогузории худро пешниход кунанд, аз чумла накшаи амалиёт хангоми рӯй додани заминчунби ва рӯйхати захирахои нихоят мухим, ки барои ичрои накша, кормандони махаллие, ки амниятро таъмин мекунанд (масалан, шӯъбаи сӯхторхомӯшкуни, милитсия) зарур мебошанд ва аз онхо маълумот дар бораи бо кадом мутахассисон дар тамос шудан ва кадом чорахоро баъди он ки хонандагон ба заминчунби бо неки чавоб мегӯянд, андешанд.

**Машгулияти амали: машгулияти таълими-машки хангоми заминчунби**

Акнун, вакте ки накшаи амалиёт хангоми рӯй додани заминчунби тахия шудааст, хонандагон бахогузории накша тавассути гузаронидани хадди акал як машгулияти таълими-машки хангоми рӯй додани заминчунби мегузаронанд. Ду сабаби асосии мухим будани машгулиятхои машки вучуд доранд. Сабаби якум он аст, ки амалиётхои ба накшагирифташуда хангоми рӯй додани заминчунби ба амалиётхои асли пурра мувофикат намекунанд. Агар барои хонанда ягон банди накша фахмо набошад, пас хангоми рӯй додани заминчунби барои кабули карор вакти кимат сарф шуда метавонад.

Гузаронидани машгулияти таълими-машки бояд ин мушкилотро ошкор намояд ва ба хамохангсозон имкони халли онхоро дихад. Сабаби дуюм он аст, ки баъзе вазифахои мухими майнаи сар хангоми вазъияти фавкулодда он кадар хуб кор намекунанд. Агар амалиёт якчанд маротиба пеш аз рӯй додани садама ичро шуда бошад (масалан, давидан дар рохрав ё ба поён фаромадан бо зина), пас майнаи сар ба таври автоматики пайдарпайи ин амалиётхоро дар шароити фаъолияти пасти майнаи сар ичро мекунад. Ин дар паси сар кардани шах шуда мондан хангоми тарси сахт кӯмак мерасонад.

Шарх! Ин машгулияти таълими-машки дар баъзе хонадагон хисси тарс ё изтиробро ба вучуд оварда метавонад. Кайд намоед, ки чунин хиссиёт маъмули ва табииaнд. Бо вучуди ин, доштани маълумот дар бораи роххои рахои ёфтан аз чарохат имконияти зинда мондани хонандагонро зиёд мекунад. Хаминро ба назар гиред, оптимизми комилан номувофик (ин ходиса бо ман рӯй намедихад) ба мисли тарс ва хаячони аз хад зиёд сахлангорона аст.

Муаллим барои тахияи сенарияи машгулияти таълими-машки чавобгӯ мебошад. Сенарияхое, ки окибатхои гуногуни ходисахоро пешбини мекунанд, барои

баҳогузории самаранокии нақшаи амалиёт ҳангоми рӯй додани заминҷунби бехтарин мебошанд, чунки шароит ҳангоми рӯй додани заминҷунби тағйир ёфта метавонанд. масалан, як сенария метавонад ҷунбиши на он қадар сахти заминро пешбини намояд, дар сенарияи дигар заминҷунбии сахт истифода мешавад, ки дар чунин ҳолат роҳ гаштан ё давидан имконнопазир мегардад.

Аз як машғулият то дигар ҳамчунин ҷузъҳои сенарияро иваз кардан зарур аст: дар як сенария сарчашмаҳои ғайритаркибии хатар (масалан, ҷевонҳои калони китоб) ба маршрути асосии тахлия монеа мешаванд, дар дигар – дар ҷойҳои истифодаи умум, аз қабили толори варзиши, лаборатория ва автобуси мактаби ё дар ҳавои кушод, масалан дар майдончаи бозӣ.

Муаллим бояд маршрути тахлияро аз назар гузаронад ва сенарияҳои имконпазири тағйирдодашударо пешниҳод намояд. Ҳангоми гузаронидани машғулияти таълимиву-машқи зарурати такмил додани садоҳои асли, ки ҳангоми заминҷунби ба амал меоянд, аз ҷумла ларзиши тирезаҳо, ҳаракати мизу курсиҳо, ҷарангосзании шишаҳо, бо истифода аз мизу курсиҳои ҳақиқи ва тирезаҳои синфро санҷидан лозим аст.

Шарҳ! Эҳтимол, қобили амал мебуд, машғулиятҳои таълими-машқи ба навор гирифта шаванд. Ин ба хонандагон ҳангоми баҳогузории дуруст будани и қарорҳои ҳангоми машғулиятҳо қабулнамудаи онҳо кӯмак мерасонад.

Муаллимон бояд омода бошанд, ки ба хонандагон ҳангоми рӯй додани заминҷунби роҳбари кунанд/кӯмак расонанд. Онҳо бояд масъулиятро, ҳадди ақал барои корҳои зерин ба дасти худ гиранд:

1) Рӯйхати хонандагонеро, ки барои онҳо ҷавобгӯ мебошанд, тартиб диҳанд: дар охири дарс хонандагонро барои муайян кардани одамони гоиб ҳозиругоиб кунанд.
2) Маҷмӯи доруворихои кӯмаки аввалия дошта бошанд.
3) Барои интихоби маршрути алтернативии тахлия (масалан, бо сабаби сӯхтор) омода бошанд.
4) Усулҳои бехавфи куштани газ, об ва қувваи барро дар китъаҳои наздики синфхонаҳоро донанд.
5) Ба хонандагон фаҳмонанд, ки баъди заминҷунби чи тавр дуруст тахлия кардан мумкин аст.
6) Синфро ба нуқтаи қайдшудаи ҷамъшави биёранд.
7) Амнияти ҳар касро дар шароити имкони такрор ёфтани заминҷунби таъмин намоянд.
8) Дар мавридҳои зарури кӯмаки аввалияи тибби расонанд.
9) То аз ҷониби мутахассисони ваколатдор иҷозат дода нашавад, ба иморат дуюмбора надароянд.
10) Дар сурати ҷароҳат бардоштани муаллим барои роҳбари бояд пешаки ду хонанда интихоб карда шаванд.
11) Нақшаи бо роҳбарияти мактаб ба мувофиқа расидаи супоридани хоннадагон ба аъзои оиларо тахия ва амали гардонанд.

Эзох! Телефонхоро танхо дар холатхои нихоят зарур истифода баред. Ба он холатхое омода бошед, ки алокаи телефони кор намекунад. Дар холати садамави системаи телефони аксар вакт кор намекунад, чунки хангоми заминчунби хатхои телефон мумкин вайрон шаванд ё бо сабаби шумораи зиёди зангхои телефони, ё хар ду, система нагз кор намекунад.

**Бахогузории амалиётхо баъди гузаронидани машгулиятхои таълими-машки**

Хонандагон бояд хама вакт дар хотир нигох доранд, ки баъди тамом шудани машгулияти таълими-машки кадом хатархо ба миён омада метавонанд (масалан, заминчунбии такрори, афтидани иморатхо, ярч, расонидани кӯмак ба зарардидагон ва одамон дар холати шок ва гайра). Тамом шудани машгулияти таълими-методи ва пинхон шудани хонандагон дар чойхои бехавф маънои онро надорад, ки хатар пурра бартараф карда шудааст. Хонандагон бояд донанд, ки баъди анчоми машгулият чи гуна рафтор намоянд: масалан, расонидани кӯмаки аввалияи тибби, чамъ намудани маълумот дар бораи вазъияти фавкулодда тавассути радио ё тавассути мурочиат ба макомоти ваколатдор барои гирифтани супориш.

Баъди гузаронидани машгулияти таълими-машки хонандагон бояд фавран самаранокии интихобхои кардаашонро дар машгулият бахогузори намоянд. Оё хонандагон аз нуктаи назари амният бо назардошти сенарияи машгулият интихоби дуруст кардаанд ё не? Дар маршрути тахлия чойхое хастанд, ки ба он хонандагон мумкин аст афтанд ё бо хонандагони дигар, ки кӯшиши берун баромаданро мекунанд, бархӯранд? Барои то хадди аксар кам кардани ин намуди хатар чи бояд кард? Агар хангоми гузаронидани машгулияти таълими-машки дар накшаи амалиёт хангоми заминчунби мушкилоти чидди ошкор шаванд, бо хонандагон мухокима намоед, ки бо кадом тарз ин накшаро тагйир додан мумкин аст.

Карори катъи аз муайян намудани вакти гузаронидани машгулияти таълими-машки хангоми рӯй додани заминчунби иборат аст. Муайян намудани рӯз зарур аст, аммо вактро муайян кардан лозим нест, то ки барои иштирокчиён омили гайричашмдошт монад. Машгулиятхои такрории таълими-машки бо шароитхои тагйирёбанда дар давоми вакти дуру дароз хонандагон ва муаллимонро барои зуд ва бе хатар аз ӯхдаи вазъияти садамавии ногахони баромадан тайёр мекунанд.

Эзох! Имконияти гузаронидани машгулиятхоро дар оила ва хонахо барраси намоед, зарурати тахияи накшаи оиларо мухокима намоед, чунки эхтимол, баъди заминчунби хонандагон аз оилаи худ чудо мемонанд. Хонандагон бояд куштани газ, об ва кувваи баркро донанд.

Накшаи амалиёт хангоми заминчунби ва харита бо кайдхои шартии рангаро, ки аз чониби хонандагон кайд мешавад, ба рохбарияти мактаб ва шахсони мансабдори маъмурияти давлатии махалли нишон додан зарур аст. Хонандагонро бояд водор сохт, ки онхо натичахои худро бо намояндагони Хадамоти амнияти чамъияти мухокима намоянд. Ба хонандагон имкон додан даркор аст, ки харитаи худро ба чорчӯбае чой диханд ва ин чорчӯбаро дар чое тарзе овезон кунанд, ки хонандагони дигар оиди кори ичрошуда маълумот пайдо кунанд.